Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «2» июни соли 2011, № 278
тасдиқ шудааст

**Барномаи**
**маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015**

## Муқаррароти умумӣ

Асоси қонунӣ ва меъёрию ҳуқуқии таҳияи Барнома Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», Консепсияи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 5 Нақшаи чорабиниҳои оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни мулоқот бо варзишгарони кишвар аз 20 декабри соли 2010 баён гардиданд, мебошад.

Ҳамоҳангсози дар амал татбиқ намудани Барномаи мазкур Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барномаҳои минтақавии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тартиб дода мешавад. Назорати иҷрои он ба зиммаи сохторҳои Кумита дар маҳалҳо гузошта мешавад.

Ҳуҷҷатҳои ҳисоботии ба амал татбиқ намудани Барнома, ҳисоботи оморӣ ва таҳлили онҳо, ки дар мӯҳлати муайяншуда аз тарафи сохторҳои маҳаллии Кумита пешниҳод карда мешавад, ба ҳисоб меравад.

## Зарурати қабули Барнома

Варзиш дар ҳаёти инсон омили таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории на танҳо варзишгарон, балки халқу давлатҳо маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, варзиш барои насли ҷавон ҳамчун мактаби муҳими ҷаҳонфаҳмию тарғиби арзишҳои олии инсонӣ, аз қабили дӯстиву бародарӣ, сулҳу озодӣ, эҳтиром ба миллатҳои гуногун ва ҳамкориҳои судманди байни кишварҳо хизмат мекунад.

Ҳаракатҳои оммавии варзишии ҷаҳонӣ, аз ҷумла бозиҳои олимпӣ ва мусобиқаҳои умумиҷаҳонӣ борҳо собит намудаанд, ки варзиш дорои қудрати бузурги созанда дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Имрӯз яке аз ҳадафҳои асосии варзиш ҳамчун қосиди сулҳ дар ҷаҳон маҳз ҳамин аст.

Дар замони ҷаҳонишавӣ варзиш на танҳо хусусияти иҷтимоӣ, балки хусусияти иқтисодӣ ва сиёсиро низ касб намудааст. Зеро мардум ҳар қадар бештар бо варзиш фаро гирифта шаванд, ҳамон қадар вазъи саломатии онҳо беҳтар гардида, барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва амнияти давлату ҷомеа имконияту заминаҳои мусоид фароҳам меоянд.

Таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон возеҳ нишон медиҳад, ки ҳадафҳои соҳаи варзиш ҷиҳати қабулу татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бунёду таҷдиди иншооти замонавии варзишӣ, васеъ ба роҳ мондани корҳои тарбиявию тарғиботӣ ба хотири густариши тарзи ҳаёти солим ва таъмини сиҳатии аҳолӣ амалӣ мегарданд.

Дар ин самт ҳадафи асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни варзиш ва ҷалби ҳар чи бештари аҳолии кишвар ба тарбияи ҷисмониву варзиш, гузашта аз ин, барои оммавигардонии варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим равона шудааст.

Солҳои аввали истиқлолият вобаста ба вазъи душвори сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар, аз ҷумла бо сабаби норасоии маблағ ва дигар омилҳо дар соҳаи варзиш мушкилоти зиёд ва коҳиш ёфтани завқи мардум ба варзиш ба миён омада буд.

Дар шароити кунунӣ, ҳатто дар ҳолати пурра фаъолият намудани иншооти мавҷудаи варзишӣ онҳо ҳамагӣ даҳ фоизи аҳолии кишварро бо варзиш фаро гирифта метавонанду халос. Клубҳо ва мактабҳои варзишӣ бошанд, талаботи кӯдакону наврасон ва ҷавононро чандон қонеъ карда наметавонанд. Бо мақсади фаро гирифтани ҷавонону наврасон бо соҳаҳои гуногуни варзиш зарурате ба миён омадааст, ки ҳар як ташкилоту муассиса, ширкатҳои давлативу хусусӣ ва соҳибкорону сармоядорон аз ҳисоби маблағҳои худӣ барои ташкили шароити зарурӣ ҷиҳати инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва рушди соҳаи варзиш саҳмгузор бошанд.

Барои ба талабот ҷавобгӯ намудани иншооти варзишӣ, аз ҷумла толору майдончаҳо ва бо таҷҳизоти ҳозиразамон таъмин намудани онҳо, пеш аз ҳама, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорони соҳаи варзиш бояд чораҳои амалӣ андешанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз бархе аз роҳбарони шаҳру ноҳияҳо варзишро соҳаи дуюмдараҷа ҳисобида, барои вусъати ҳамаҷонибаи он диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилоти иқтисодиву молиявӣ барои рушди соҳаи варзиш як силсила қонуну қарорҳо ва барномаҳоро қабул ва амалӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки барои мунтазам инкишоф ёфтани соҳаи варзиш ҳамаи шароити заруриро фароҳам орад.

Бинобар ин, рушди минбаъдаи соҳаи варзиш андешидани чораҳои иловагӣ ва маҷмӯиро тақозо намуда, таҳия ва қабули Барномаи мазкур, банақшагирӣ ва маблағгузории он аз ҳисоби буҷети давлатӣ муҳим мебошад.

## Ҳадаф, мақсад ва вазифаҳои асосии Барнома

Ҳадафи Барнома, рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш қисми ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоии давлатӣ барои таъмини солимии аҳолӣ мебошад.

Барои расидан ба ҳадафҳои аввалиндараҷа ва муҳим зарур аст, ки масъалаҳои зерин гарданд:

- тарбиян ҷисмонӣ ва варзишро ба ҳаракати оммавӣ табдил додан;
- баланд бардоштани самаронокии фаъолияти низоми тарбияи ҷисмонии аҳолӣ;
- мукаммал гардонидани сифати тайёр намудани кадрҳо ва такмили ихтисоси онҳо;
- таъмини сифатнокии тайёрии варзишгарони дастаҳои мунтахаб аз рӯи намудҳои варзиш барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;
- мустаҳкам, намудани заминаи моддии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таъмин бо лавозимоти варзишӣ;
- таъмин намудани низоми тарбияи ҷисмонӣ бо маводи илмию методӣ ва иттилоотӣ;
- ба роҳ мондани назорати тиббӣ дар самти саломатӣ ва тайёрии ҷисмонии шахсоне, ки бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш машғул ҳастанд;
- густариш ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- такмил додани тарзи идоракунии фаъолияти низоми тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҷумҳурӣ;
- роҳҳои асосии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- мукаммалгардонии низоми тайёр намудани захираҳои варзишӣ ва варзишгарони баландмаҳорат;
- таҳия ва татбиқи чорабиниҳои таълимию методӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ, ки ташаккули тарзи ҳаёти солими насли наврасро таъмин менамояд;
- ташкили чорабиниҳои варзишӣ барои маъюбон ва шахсони дорои иллати таббиӣ бо назардошти имконияту қобилияти ҷисмонии онҳо;
- таъсиси маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ;
- баланд бардоштани. самаранокии фаъолияти кории иншооти варзишӣ;
- беҳтар намудани ҳолати базаи моддию техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- бо воситаи матбуот ва воситаҳои ахбори умум беҳтар намудани тарғиби варзиш;
- таъмини назорати тиббии кӯдакон, наврасон, донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва тамоми табақаҳои аҳолӣ;
- мукаммал гардонидани низоми идоракунии соҳа.

## Воситаҳои амалӣ гардонидани Барнома

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои самараноки Барнома вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии варзиширо ҷалб менамояд.

Ҷиҳати иҷрои ҳадаф, мақсад ва вазифаҳои алоҳида ва номгӯи чорабиниҳои Барнома Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун эълон менамояд, ки мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии варзишӣ ҳуқуқ доранд дар озмун ширкат намоянд.

Бо муассиса ва ё ташкилотҳои ҷамъиятии дар озмун ғолибгардида оид ба амалисозии Барнома шартнома баста мешавад, ки дар он ӯҳдадории тарафҳо ва воситаи маблағгузории барномаву лоиҳаҳо дарҷ мегардад.

Ба инобат гирифта шудааст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо дар асоси Барномаи мазкур барномаҳои маҳаллии худро вобаста ба шароит ва имконияти маҳал таҳия ва тасдиқ намуда, ҷиҳати татбиқи босамари он чораҳои зарурӣ андешанд.

## Манбаъҳои молиявӣ

Маблағгузории чорабиниҳо оид ба татбиқи Барнома дар солҳои 2011-2015 дар доираи маблағҳои пешбинишавандаи Буҷети давлатӣ барои мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дар татбиқи Барнома иштироккунанда, ҳамчунин аз ҳисоби ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ба амал бароварда мешавад.

## Натиҷаҳои ниҳоие, ки аз татбиқи Барнома ба даст меоянд

Татбиқ намудани Барнома барои инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташаккули талабот ба машқҳои ҷисмонӣ дар аҳолӣ, бедор кардани ҳисси устувори шавқмандӣ ба онҳо, ба вуҷуд овардани шароити мусоиди моддию техникӣ, инчунин такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, барои қонеъ гардонидани талаботи минималии одамон ба хизматрасонии машғулиятҳои ҷисмонию солимгардонӣ имконият медиҳад.

Шумораи машқварзон тавассути ташкили гурӯҳҳои солимгардонӣ, марказҳои солимгардонӣ, маҳфилҳо ва клубҳои дӯстдорони варзиш дар ҷойҳои таҳсил, кор ва истиқомат, бояд тақрибан 50 фоиз зиёд гардад.

Ҷалби васеи табақаҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ ба ҷараёни машғулияти тарбияи ҷисмонӣ барои таҳкими саломатӣ, камшавии беморӣ, баландшавии коршоямӣ, зиёдшавии дарозумрӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим мусоидат менамояд.

Таъминот бо кадрҳо ва мутахассисон ҳангоми амалкунӣ ва идоракунии низоми тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ ва ҷавонони бо таҳсил фарогирифта, ҳаракати мустақили ҷисмонию солимгардонӣ ва низоми тайёр намудани варзишгарони баландмаҳорат беҳтар мегардад.

Барои тайёр намудани дастаҳои яккачини миллӣ оид ба намудҳои гуногуни варзиш, шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Дар мавриди амалӣ гардидани Барномаи мазкур соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҷумҳурӣ ба чунин натиҷаҳо ноил мегардад:

| № | Номгӯй | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|

| | | 2001 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Теъдоди мактабҳои варзишӣ | 127 | 130 | 134 | 138 | 144 |
| 2 | Теъдоди машқварзон дар мактабҳои варзишӣ | 37630 | 38900 | 40150 | 43100 | 45000 |
| | аз ҷумла духтарон | 4039 | 5200 | 6500 | 7300 | 8000 |
| 3 | Теъдоди машқварзон дар сексияҳои варзишӣ ва гурӯҳҳои солим-гардонӣ | 248146 | 350000 | 380000 | 450000 | 480000 |
| 4 | Теъдоди наврасону ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ машғул буда | 941576 | 1200000 | 1300000 | 1400000 | 1600000 |
| 5 | Варзишгоҳҳои бо ҷои нишаст | 125 | 126 | 127 | 128 | 129 |
| 6 | Теъдоди майдончаҳои оддии варзишӣ | 4071 | 5000 | 5200 | 5400 | 5600 |
| 7 | Теъдоди толорҳои варзишӣ | 1016 | 1056 | 1100 | 1110 | 1200 |
| 8 | Теъдоди ҳавзҳои шиноварӣ | 38 | 50 | 55 | 60 | 70 |

## Иҷрокунандагони чорабиниҳои Барнома

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии варзишӣ ва ҷавонон.

## Назорати иҷрои Барнома

Назорати иҷрои Барнома аз ҷониби Шӯрои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Замима ба қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «2» июни соли 2011, № 278

# НАҚШАИ
## чорабиниҳои Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015

| № | Номгӯи чорабиниҳо | иҷрокунанда | мӯҳлат | маблағгузорӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| | **1. Мукаммал гардонидани фаъолияти ташкилию методии соҳа** | | | | | | | |
| 1 | Таъсиси осорхонаи миллии варзишӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш васайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии варзишӣ | 2012 | | 100 | 50 | 50 | 50 |
| 2 | Таъсиси Мактаби варзишии кӯдакону наврасони маҳорати олӣ оид ба камонварӣ дар шаҳри Душанбе | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | | | | |
| 3 | Таъсиси Маркази тайёрии олимпӣ дар заминаи Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ ба номи И. Ҳасанов» | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ, Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод | 2012-2015 | | 600 | 700 | 800 | 900 |
| 4 | Таъсиси Маркази такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи варзиш дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон (аз ҳисоби воҳидҳои кории ташкилотҳои системаи Кумита | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012 | | 350 | 350 | 350 | 350 |
| 5 | Ташкили клубҳо ва сексияҳои варзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ | Вазорати маориф, муассисаҳои таълимӣ | 2012-2015 | | | | | |
| 6 | Сертификатсиякунонии иншооти варзишӣ ва таъсиси махзани ягонаи иншооти варзишӣ | Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012-2015 | | 15 | 15 | 15 | 15 |
| 7 | Баррасӣ ва муҳокимаи рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, | 2012- | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқукии соҳавӣ дар Шӯрои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати маориф мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2013, 2015 | | | | | |
| 8 | Санҷиши рафти иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа (қонун, консепсия, барнома) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012-2015 | | | | | |
| 9 | Санҷиши фаъолияти мактабҳои варзишӣ дар ҷумҳурӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 30 | 30 | 30 | 30 |
| 10 | Санҷиши фаъолияти комиссияҳои унвондиҳии варзишӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 11 | Таҳия ва коркарди нақшаҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ барои муассисаҳои то мактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва махсус | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2011 | | 30 | 30 | 30 | 30 |
| 12 | Таҳия ва омода намудани нишонаи сарисинагии унвонҳои фахрии варзишӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012- | 30 | 50 | 50 | 50 | 50 |
| 13 | Андешидани тадбирҳои зарурӣ барои ҳавасманд намудани ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ, алалхус бонувон | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012-2015 | | 600 | 700 | 800 | 900 |
| 14 | Стипендия барои ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои бонуфузи варзишӣ ва собиқадорони соҳа | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | 85 | 200 | 240 | 300 | 320 |
| | **II Таъминоти меъёрию ҳуқуқӣ** | | | | | | | |
| 15 | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо | 2011 | | | | | |
| 16 | Таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати ҶТ «Оид ба тасдиқи ҷадвали меъёри ҳавасмандгардонии ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалӣ» | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати молия | 2011 | | | | | |
| 17 | Дар буҷетҳои маҳаллӣ ҳамасола зиёд намудани маблағгузории соҳаи варзиш ва равона намудани қисми маблағҳо аз ҳисоби барзиёдии даромади буҷет | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012-2015 | | | | | |
| 18 | Таҳия ва пешниҳоди санади дахлдор барои додани имтиёз ба ташкилоту муассисаҳои варзишие, ки дар | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Кумитаи андоз, | 2012 | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | заминаи онҳо дастаи мунтахаб омода мегарданд | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | | | | | | |
| 19 | Таҳияи санади дахлдор барои озод намудани ғолибон ва ҷоизадороии мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ (Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои Осиё, Чемпионати ҷаҳон ва Осиё, Шоҳҷоиза ва Шоҳҷойҳои ҷаҳон) аз пардохти маблағи таҳсили шартномавӣ | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, муассисаҳои олии таълимӣ | 2011 | | | | | |
| 20 | Таҳия ва қабули меъёрҳои назоратӣ оид ба тайёрии ҷисмонӣ дар муассисаҳои таълимӣ (томактабӣ, умумӣ, махсус ва олӣ) | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, | 2012 | | | | | |
| 21 | Таҳия ва таъмини маблағгузории Нақшаи тақвими чорабиниҳои варзишӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо назардошти таъмини иштироки варзишгарони беҳтарин дар мусобиқаҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012-2015 | | | | | |
| 22 | Таҳия ва тасдиқи меъёри хӯрок барои хонандагони Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ ба номи И. Ҳасанов» | Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012 | | | | | |
| 23 | Баррасӣ, такмил ва барои тасдиқи пешниҳод намудани таклиф оид ба баланд бардоштани маблағи хӯроки варзишгарон, ҷои хоб, ҳаққи хизмати доварон, табибон ва ҳайати хизматрасонӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2012 | | | | | |
| 24 | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Намунаи ҳисоботи «ФК2» ва «ФК5» | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2011 | | | | | |
| | **III. Чорабиниҳои оммавии варзишӣ** | | | | | | | |
| 25 | Баргузории озмунҳои «Мураббии беҳтарин» «Иншооти варзишии беҳтарин», «Шаҳр ва ноҳияи беҳтарини варзишӣ дар ҷумҳурӣ» | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи телевизион ва радио, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012-2015 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 |
| 26 | Гузаронидани озмунҳо барои беҳтарин иншоот ва майдони варзишӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 20 | 20 | 20 | 20 |
| 27 | Баргузории чорабиниҳои варзишӣ бахшида ба санаҳои таърихию миллӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012-2015 | | 150 | 150 | 150 | 150 |
| 28 | Баргузории мусобиқаҳои варзишии марҳилаи дуюм | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, | 2012- | | 100 | 100 | 100 | 100 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | байни шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2015 | | | | | |
| 29 | Бозиҳои варзишии бонувони Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи занон ва оила | 2012 | | 300 | | | |
| 30 | Бозиҳои варзишии байни омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳо | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012 | | 300 | | | |
| 31 | Бозиҳои варзишии наврасони Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2013 | | | 300 | | |
| 32 | Бозиҳои варзиши байни маъюбон | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Федератсияи маъюбони Тоҷикистон | 2013 | | | 300 | | |
| 33 | Бозиҳои варзишӣ байни вазорату идораҳои қудратӣ | Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании, Хадамоти гумрук, Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | 2013 | | | 100 | | |
| 34 | Бозиҳои варзишии солимгардонӣ байни вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва ҷамъиятҳои ихтиёрии варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон | Иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2014 | | | | 300 | |
| 35 | Бозиҳои варзишии мактаббачагони Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2014 | | | | 300 | |
| 36 | Бозиҳои варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2011, 2015 | 400 | | | | 400 |
| 37 | Бозиҳои варзишии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2015 | | | | | 300 |
| 38 | Ташкил ва баргузории лагерҳои варзишию солимгардонӣ дар мавсими таътили тобистона | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012-2015 | | 60 | 60 | 70 | 70 |
| **IV. Таъминоти соҳа бо мутахассисон** | | | | | | | | |
| 39 | Таъсиси воҳиди кори ғайриштатии машваратчӣ-дастурдиҳандаи соҳаи варзиш дар вазорату идораҳо, | Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи | 2012-2013 | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоату деҳотҳо | маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | | | | | |
| 40 | Баргузории курсҳои такмили ихтисос барои мутахассисон, мураббиён, доварон, дастурдиҳандагон ва шахсони масъули ташкилотҳои ҷамъиятии варзишӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2012-2015 | | 150 | 150 | 150 | 150 |
| 41 | Ташкили аттестатсияи мутахассисони соҳаи варзиш дар ҷумҳурӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 20 | | 30 | |
| 42 | Таҳияи механизми таъмини муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо муаллимони тарбияи ҷисмонӣ | Вазорати маориф, Вазорати рушди иқтисод ва савдо | 2012-2013 | | | | | |
| | **V. Ташкили назорати тиббӣ** | | | | | | | |
| 43 | Таҳияи меъёрҳои истифодаи воситаҳои муосири фармакологӣ ва ғайрифармакологӣ, инчунин усулҳои барқарорнамоии варзишгарони дараҷаи олӣ | Вазорати тандурустӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 44 | Ташкили Маркази ҷумҳуриявии солимгардонӣ ва назорати мунтазами сатҳи саломатии варзишгарон дар шаҳри Душанбе | Вазорати тандурустӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2012 | | | | | |
| 45 | Таҳияи (мутобиқгардонии) меъёрҳои физиологии истеъмоли моддаҳои ғизоии варзишгарон | Вазорати тандурустӣ, Маркази ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои ғизоӣ | 2012-2015 | | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 46 | Ташхиси варзишгарон бо истифода аз технологияи муосир | Вазорати тандурустӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2012-2015 | | 50 | 50 | 50 | 50 |
| 47 | Таъмини варзишгарони дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳои афзалиятноки варзиш бо воситаҳои муосири фармакологӣ ва ғайрифармакологӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ | 2012-2015 | | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 48 | Гузаронидани назорати санитарию эпидемиологӣ дар иншооти варзишии назорати фаъолият дошта | Вазорати тандурустӣ, Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологӣ | 2012-2015 | | | | | |
| 49 | Барқарор намудани нуқтаҳои тиббӣ дар ташкилоту муассисаҳои таълимии варзишӣ ва таҷҳизонидани онҳо | Вазорати тандурустӣ, Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | | | | |
| VI | Таъминоти иттилоотии соҳа | | | | | | | |
| 50 | Таъсиси шабакаи телевизионии варзишии Тоҷикистон | Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012 | | | | | |
| 51 | Омода намудани маводи таблиғотӣ барои баргузории чорабиниҳои варзишӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 50 | 50 | 50 | 50 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 52 | Таҳия ва пахши барномаҳои таблиғотию ташвиқотӣ, аз ҷумла очеркҳо, роликҳо ва ғ. дар шабакаҳои мухталифи телевизионӣ ва радио | Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 10 | 10 | 10 | 10 |
| 53 | Ташкили озмуни ҷумҳуриявӣ дар байни воситаҳои ахбори умум оид ба тартиби тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи телевизион ва радио | 2012-2015 | | 20 | 20 | 20 | 20 |
| 54 | Таҳия, такмил ва нашри санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва методии соҳа бо забони давлатӣ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Хонаи ҷумҳуриявии методӣ | 2012-2015 | | 40 | 40 | 40 | 40 |
| 55 | Нашри дастурҳои таълимии методӣ, дастурамалҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин асбобҳои айёнӣ барои муассисаҳои таълимию варзишӣ | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 50 | 50 | 50 | 50 |
| **VII. Фаъолияти байналмилалӣ** | | | | | | | | |
| 56 | Таҳияи Барномаи махсуси омодагӣ оиди иштироки дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бозиҳои XXX олимпӣ (Лондон-2012) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2012 | | | | | |
| 57 | Таҳияи Барномаи махсуси омодагӣ оид ба иштироки дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бозиҳои донишҷӯён (Қазон-2013) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2012-2013 | | 300 | | | |
| 58 | Таҳияи Барномаи махсуси омодагӣ оиди иштироки варзиш ва дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бозиҳои сеюми варзишии Евразия байни наврасон (Алмато-2013) | Кумитаи ҷавонон, сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2012-2013 | | 300 | | | |
| 59 | Таҳияи Барномаи махсуси омодагӣ оиди иштироки варзиш ва дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бозиҳои зимистонаи олимпӣ (Сочи-2014) | Кумитаи ҷавонон, сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2013-2014 | | | | | |
| 60 | Таҳияи Барномаи махсуси омодагӣ оиди иштироки дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бозиҳои XXXI олимпӣ(Рио-де-Жанейро- 2015) | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи миллии олимпӣ | 2013-2015 | | | | | |
| **VIII. Инкишофи базаи моддию техникӣ** | | | | | | | | |
| 61 | Бунёди майдончаҳои варзишӣ дар назди вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ новобаста аз шакли ҳуқуқӣ | Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2011-2015 | | | | | |
| 62 | Таъмир, таҷдид, азнавсозӣ ва таъмини истифодаи мақсадноки иншооти варзишии дар мувозинат қарор | Вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи | 2011-2015 | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | дошта | маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | | | | | | |
| 63 | Андешидани тадбирҳо барои бунёди иншооти варзишӣ дар минтақаҳои сайёҳӣ дар баробари дигар иншоот | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2011-2015 | | | | | |
| 64 | Ҷудо намудани қитъаҳои замин барои бунёди иншооти варзишӣ дар маркази ҷамоату деҳот ва шаҳру ноҳияҳо | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ | 2011-2015 | | | | | |
| 65 | Андешидани тадбирҳои зарурӣ оид ба ҷудо намудани қитъаи замин дар шаҳри Душанбе барои Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба футбол» ва Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба варзиши сабук» | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ, Агентии сохтмон ва меъморӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2011-2012 | | | | | |
| 66 | Таъмир, таҷдид ва азнавсозии иншоотҳои варзишии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов | Агентии сохтмон ва меъморӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ | 2012-2015 | 185 | 220 | 240 | 260 | 280 |
| 67 | Таъмир ва таҷдиди Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ ба номи Иброҳим Ҳасанов» | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | 17 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 68 | Таъмир ва таҷдиди Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии махсуси намудҳои варзиши обӣ» | Агентии сохтмон ва меъморӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 69 | Таъмир ва азнавсозии толори Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба гӯштин» | Агентии сохтмон ва меъморӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | 2012-2015 | 18 | 50 | 50 | 50 | 50 |
| 70 | Дар давоми 4 соли минбаъда дар тамоми шаҳру ноҳияҳо сохтмон ва ба истифода додани як варзишгоҳ барои аз 5000 то 10000 ҷои нишаст, як толори варзишӣ барои аз 500 то 1000 ҷои нишаст(бо лавозимоти зарурии ҳозиразамон) ва як боғи фарҳангию фароғатӣ бо майдончаи варзишии ба талаботи замон ҷавобгӯ | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2011-2014 | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | 750 | 4510 | 4200 | 4420 | 4730 |